АСАДУЛЛОҲ

# БАҲОРИ МАКТАБ

*Барои мактабиён*

Нашриёти «TURON-IQBOL»,
Тошканд - 2017

УДК: 821
КБК: 84(5 Тож)
Б 41
Шукуров, Асадулло, Баҳори мактаб/ Шеърҳо барои мактабиён: – Тошканд: Нашриёти «TURON–IQBOL», соли 2017, 32 саҳ.

КБК 84(5 Тож)

Ба чоп ҳозиркунандагон:
Матлуба НАРЗУЛЛОЕВА,
Аълочии таълими халқи Ўзбекистон.
Шўҳрат БОБОҶОНОВ,
донишҷўи Донишгоҳи омўзгории Тошканд.

Ҳангоми таълими наврасон дар мактабҳо адабиётҳои бадеӣ намерасанд. Хусусан, омўзгорон барои дастрас намудани шеърҳо дар васфи Ватан, Модар, Устод, Мактаб душворӣ мекашанд. Аз ин рў мо тасмим гирифтем таҳти рукни «Барои мактабиён» дар ин мавзўъҳо намунаи эҷоди шоирону нависандагони диёрамонро дар шакли китобҳои хурд ба чоп ҳозир намоем.

Дар ин маҷмўа намунае чанд аз шеърҳои шоири шинохтаи диёр Асадуллоҳ Исмоилзодаи Самарқандӣ манзури Шумо мегардад.

ISBN 978-9943-14-487-3

© Нашриёти «TURON–IQBOL»,
Тошканд соли 2017.

# ВАТАН

Эй Ватан, ҷонам Ватан, ҷонам Ватан,
Қиблаи уммеду армонам, Ватан.

Мулки озодипарастони баор,
Пораи ҷон, асли имонам, Ватан.

Ман набитвонам гурезам аз худам,
Ту вуҷуду ору виҷдонам, Ватан.

Сарбадорон сар бароят додаанд,
Ман ба ҳифзат марди майдонам, Ватан.

Шӯҳрати ту дар ҷаҳон овоза шуд,
Посдори шӯҳрату шонам, Ватан.

Ин замон бар Осиё навбат расид,
Осиёро дурру марҷонам, Ватан.

Васфи ту чун метавонам ин замон,
Матлаи ҳар шеъри девонам, Ватан.

Бе ту беморам надорам роҳате,
Заррахокат гашта дармонам, Ватан.

Ин замини зарфишонат зарнисор,
Баҳри олам кони эҳсонам, Ватан.

Бишнавед, бо фахр мегӯяд Асад,
Мулки обод — Ӯзбекистонам, Ватан!

# КИШВАРИ ОЗОДАГОН

Ваҳ чӣ зебо бӯстонӣ, эй Ватан,
Сарзамини бостонӣ, эй Ватан!

Ин замин ангуштарии олам аст,
Чун нигини ин ҷаҳонӣ, эй Ватан.

Ин манам фарзанди ту, пайванди ту,
Модарӣ ту, ҳамчу ҷонӣ, эй Ватан.

Ҳарф мегӯянд бо чандин забон,
Дар чунин мулк аз амонӣ, эй Ватан.

Сангҳо гар душманонат парваранд,
Ман сипар гардам бидонӣ, эй Ватан.

Аз Ватан рӯ тобад ар осӣ бувад,
Ту макони ҷовидонӣ, эй Ватан.

Мерасад овозаи ободият рӯйи ҷаҳон,
Корвони бахтро ту сорбонӣ, эй Ватан.

Баҳри ваҳдат ҷоннисорон беҳисоб,
Кишвари озодагонӣ, эй Ватан.

Васфи ту бинмуд Асад бо шавқи дил,
Менамоем шодмонӣ, эй Ватан!

# ПАЙВАНД

Фарзанди Ўзбекистон, боиззату баорам,
Аз гиру дори айём боке ба дил надорам.

Бошад диёри обод, баҳри ман Ўзбекистон,
Ҳаргиз намефурўшам як зарраи диёрам.

Бошад забони модар бо ҷону дил баробар,
Созам агар фаромўш дар даҳр хору зорам.

Аз қисмату зи тақдир ҳар лаҳза шоду мамнун,
Фарзанди ин диёрам ман шоду бахтиёрам.

Ҳар кас ҷудо намояд шак бар Худо намояд,
Пайванди ин ду халқам з – ин рў ки ҷоннисорам.

Ман мисли он Сиёвуш аз сулҳ як навидам,
Қасде ба ҷони ман ту асло макун нигорам.

Аз гиру дори айём тарсам чаро чу рўбоҳ,
Ман он Асад, ки доим чун шеър наъра дорам.

# МАРТАБАИ ШЕРАК

Ибтидо бинмудаям бо номи Ҳақ,
То бигӯям аз ҳақиқат як варақ.

Одамӣ дар зиндагонӣ он чӣ кишт,
Рӯзи маҳшар шуд аён он неку зишт.

Он замон Парвардигори ломакон,
Неку бадро як ба як созад аён.

Шераки бе бинию бе гӯшу чашм,
Сӯи маҳшаргоҳ оварда ба хашм,

Номаи аъмоли ӯ бардоштанд,
Як гунаҳкори азим ангоштанд:

«Дар ҷавонӣ сад гуноҳе дорад ӯ,
Пас аз ин ҳоли табоҳе дорад ӯ.

Кушта ӯ чандин ҳазорон одамон,
З–ин ҷиноят кай бимонад дар амон?».

Боз чандин айби ӯ бархонданд,
Бе таассуф сӯйи дӯзах ронданд.

Он замон аз ғайб омад як садо,
Аз Худо гӯё расид ин сон нидо:

«Ӯ наовардаст шак бар зоти Ҳақ,
Рӯзгораш баҳри дигарҳо сабақ.

Ӯ раҳонид мардумони бегуноҳ,
Аз разолат, аз азобу дарду оҳ.

Он дурӯғу он фиребаш авф шуд,
Чунки он дар роҳи некӣ сарф шуд.

Баҳри ҳифзи мулки худ ҷон додааст,
Гӯшу бинӣ нури чашмон додааст.

Ӯ ватанхоҳ аст, марди некхоҳ,
Пешгоҳи ҷаннат ӯро тахтгоҳ».

Он фаришта, ҳам малоик лол монд,
Молики дӯзах хиҷил з–ин ҳол монд.

Бин, ки аз файзи қудуми қаҳрамон,
Гашт маҳшаргоҳ боғу бӯстон.

Аз биҳишт он лаҳза ҳурон омаданд,
Бо ҳазорон хони эҳсон омаданд.

Он ҷавони қаҳрамон оростанд,
Бо ҳарири махмалин пиростанд.

Пешгоҳи ҷаннат ӯро тахт гашт,
Ҷонфидои халқ бин, хушбахт гашт.

Эй ту фарзанди азизам, ҳар замон,
Панд гир аз ин ривоят бегумон.

Умри худро бахш бар халқу Ватан,
Номи некат монад андар анҷуман.

# ҶАНГИ ТАН БА ТАН

Ба бод додаӣ агар дину инони хештан,
Вафо кунию аҳд чун ба модару ба ин Ватан?!

Надонӣ қадри ёрро, фурӯшӣ ту диёрро,
Мисоли хуки ваҳшие бикоҳӣ ҳусни ин чаман.

Ватанфурӯши нобакор, шавӣ илоҳӣ хору зор,
Барои мардуми башар ту бадтарӣ зи Аҳриман!

Ба пайсае фурӯшӣ ту диёру модару падар,
Натарсӣ аз Худо агар, битарс аз ниқори ман!

Асад, бисоз анҷуман, бишӯру наъраe бизан,
Алайҳи душмани Ватан, баро ба ҷанги тан ба тан!

# НИДОИ СӮҲРОБ

Сӯҳроби олимаснадам,
Аз қавми поки Ориён.
В—аз ишқи Рустам зодаям,
Ин аст манро з—ӯ нишон!

Тақдир ин ё иштибоҳ,
Дар мулки Тӯрон зодаям?!
Бо он ҳама дунёю тахт
Сарсону ҳайрон зодаям.

Ман турк ё худ тоҷикам,
Озодрӯ озодаям.
Аз қавми Тур ё Эраҷам,
Донӣ, Фаридунзодаям.

Дар мулки Тӯронам ғариб,
Ту қасди ҷони ман макун.
Дар ҷустуҷӯи Рустамам,
Ёди хазони ман макун.

Баргӯ ҷавоб, эй пири Ҳақ,
Ман кистам? Ман кистам?
Гар беватан, овораям,
Пас нестам, ман нестам!

Аҷдодҳоям номвар,
Шукри Худо, дорам Ватан,
Аз баҳри ин мулки куҳан
Хоҳам супурдан ҷону тан!

# ИФТИХОР

Мо насли поки одамӣ,
Аз ваҳшиён болотарем.
Назди Худованди карим
Аз ину он авлотарем.

Девон зи мо тарсидаанд,
Мозандаронро додаанд.
Аз ҳамлаҳои рустамӣ,
Андар шигифт афтодаанд.

Дар ҳайрат афтода парӣ,
Аз ишқи поки одамӣ.
Ҳар мавҷудоти ин замин.
Диданд чандон ҳамдамӣ.

Шайтон барад бар мо ҳасад,
Ҳосид ба мақсад кай расад?
Аз одами шайтонсифат
Ҳаргиз наметарсад Асад!

# БОДБАРАКИ ХАЁЛ

Дар чунин фасли дилфиреби баҳор,
Бодбаракҳои маро бодҳо бурданд.
На дигар кӯдакӣ ҳасту бодбозакҳо,
Кӯдакиям маро аз ёдҳо бурданд.

Чорбоғам ҳамчу хулди гумгашта
Мисли кӯдакии ман куҷо рафта?
Анбара — рӯди шӯхи миёнаи деҳа,
Хушк шуд, з—ин чаман куҷо рафта?!

Духтарони хубрӯю қадраси деҳа,
Сӯйи ман нозҳо намекунанд аз нав.
Ишқу шӯру ҷунуни ҷавониам,
Лаҳзае рози ин дилам бишнав!

Ку ҳамон ҷӯйи зулоли деҳи ман,
Ки ба серӣ бинӯшам аз обаш?
Ку ҳамон ҷӯраҳои дамсозам,
Ку ҳамон тифлию табу тобаш?!

Бодбаракҳои тифлакон ин дам,
Дидаму ёди кӯдакӣ кардам.
Ман савора ба боли бодбозакҳо,
Сайри дунёи кӯдакӣ кардам.

Гуфтам ар чанд ҳарфи парешоне,
Олами кӯдакии ман ин буд.
Бодбаракҳои ман париду рафт,
Тифлию беғамии ман, падруд!

# БИҲИШТИ ТИФЛӢ

Мактабам, эй биҳишти тифлиям,
Бе ту ман ин замон шудам сарсон.
Ҳамсабаққои ман дигар н—оянд,
Монда дар роҳи зиндагӣ ҳайрон.

Мактабам, эй биҳишти тифлиям,
Ҷамъ бинмо даме, ту моро боз.
То бихандем кӯдакона бори дигар,
Пас аз он хоҳӣ гар, парешон соз!

Мактабам, эй биҳишти тифлиям,
Меҳри ту дар дилам нашуд хомӯш!
Аз сабаққою панди устодон,
Чашмаи шеъри ман шавад дар ҷӯш!

Мактабам, эй биҳишти тифлиям,
Булбулони чаман куҷо рафтанд?
Ин замон ба дидорашон зорам,
Ҳамсабаққои ман куҷо рафтанд?!

# СИПОС

Чароғи илмро андар дили ман,
Фурӯзон кардаӣ устоди дилбанд.

Зи боби одаму одамшиносӣ,
Ба шогирдон бигуфтӣ солҳо панд.

Гузашти рӯзгорон бурда умрат,
Шудӣ имрӯз як пири хирадманд.

Вале ҳар ҳарфи ту дар шеърҳоям,
Бимонда ҷовидон чун решапайванд.

Насибат шодиҳои даҳр бошад,
Шавад умре нигаҳбонат Худованд.

Кунун бо он каломи меҳрборат,
Туро ман васф мегӯям агарчанд.

Сипоси ман бувад мақбулат устод,
Илоҳо, то абад бошӣ ту хурсанд!

# УСТОД

Ба дастонам қалам додӣ,
Қалам дар дасту ман ларзид,
Зи ларзишҳои дасти ман.
Ки гӯйӣ меҳри ту ҷунбид.
Аё устод, аё устод!

Куҷо донистам аз аввал
Барои ман накӯхоҳӣ?
Хирад бахшидию дониш
Ту як марди худогоҳӣ!
Аё устод, аё устод!

Кунун чашмони ҳақбинат,
Басо камнур гардида,
Веле шогирдҳои ту,
Кунун машҳур гардида.
Аё устод, аё устод!

Нодорӣ қасру кошона,
На мошину на молу зар.
Ту мефахрӣ ба шогирдон,
Ба ҳар ҳарфе кунӣ бовар.
Аё устод, аё устод!

Ба ҳаққи  ҳарфи дилҷӯят,
Ту монӣ ҷовидон устод.
Ва то он рӯз ман ҳастам,
Туро бо некӣ орам ёд!
Аё устод, аё устод!

# МОДАРАМ

Модарам, эй модари бахтоварам,
Модари ҷонпарвару хушбоварам.
Бо ҳама ин бахту иқболи баланд,
Пеши поят сар фуруд меоварам.

Бахт мехоҳӣ барои  хоҳарам,
Шодмонӣ аз ҳаёти додарам.
Ту дуогӯ ҳастӣ доим дар барам,
Модарам, эй модарам, эй модарам.

Бо падарҷонам шумоён бахтиёр,
Дидаед чандин тирамоҳу баҳор.
Парваридед нӯҳ фарзанди баор,
Бо ҳамон меҳру муҳаббат дар канор.

Модари меҳнаткашу заҳматкашам,
Аз каломат бори маънӣ мекашам.
Ту дуогӯ будаӣ бар бахти ман,
Меҳр додӣ бар дили пуроташам.

Модарам, эй модари бахтоварам,
Модари ҷонпарвару хушбоварам.
Бо ҳама ин бахту иқболи баланд,
Пеши поят сар фуруд меоварам.

# ШУКРОНА

Халқи бузургворам,
Пурҳиммату баорам.
Бо чангу бо чағона,
Бо шеъру бо тарона.
Ёди маро намудед,
Шеъри маро сурудед.

Аҳсан, ба халқи озод,
Аҳсан, ба мулки обод!

Эй шоирони имрӯз,
Эй ворисони фирӯз.
Шеъри накӯ сароед,
Васфи Ватан бигӯед.
То дар ҷаҳон нишона,
Монед ҷовидона.

Аҳсан, ба халқи озод,
Аҳсан, ба мулки обод!

# ТАЪРИХИ ДУРӮҒИН

Дилсиёҳу бадниҳоде
Таърихи халқе навишта.
Пурғалат, бӯҳтону тӯҳмат
Дар ниҳоди ӯ сиришта.

«Қавми олӣ» хонда худро,
Насли моро гуфта «ваҳшӣ».
Бо ҳамон фатво биовард,
Ин қадар исноду фаҳшӣ!

Таърихи моро навишта,
Пурғалат таҳрир карданд.
Баски буда кӯру ҷоҳил,
Инчунин тақсир карданд.

Мавлавиро хонда бехуд,
Таъна бар Хайём карданд.
Бехудояш хонда ӯро,
Бас хаёли хом карданд.

Он ки буд меҳанпарасте
«Босмачӣ» – роҳзан бигуфтанд.
Кушта садҳо бегуноҳон,
Лек ин сирро нуҳуфтанд.

Ин чӣ сон таърих бошад,
Бефурӯғ асту дурӯғин?
Эй ту оламсози даврон,
Худ навис таърихи рангин!

# ҶАШНИ ШОИР

Он малики мулки ашъори Аҷам,
Рӯдакӣ бар манзилаш баргаштааст.
Баъди ғурбат дар дами пирии худ,
Бар Самарқанди дилаш баргаштааст.

Шеъри ӯ имрӯз бо чандин забон,
Хондаю шоданд ҷумла мардумон.
Асрҳо бигзашту бас давру замон,
Монда ашъори накӯяш ҷовидон.

Рӯдакӣ сардафтари шеъри дарӣ,
Дошт бар имрӯзи некӯ боварӣ.
То кунун бо фитрату ақлу хирад,
Шеъру шоирро намояд сарварӣ!

«Бӯи ҷӯи Мӯлиён»—аш бар Ватан,
Боз гардонида чандин ҳамватан.
Шоири ту ҷашн дорад халқи ман,
Ҷашни шоир ҷашни шеър асту сухан!

# ХАНДАИ ШАЙТОН

Чӣ хуш дар боғи ҷаннат манзиле буд,
Варо бобои мо бифрӯхт арзон.
Ба ними ҷав намеарзид дунё,
Ба як гандум харид ӯ аз дилу ҷон.

Аз ин рафтори худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон  хандид шайтон.

Чӣ некӯ офарид моро Худованд,
Зи ҷумла махлуқоти худ мукаррам,
Вале мо носипосӣ карда бар он,
Зи ношукрии худ гардида хуррам.

Аз ин кирдори худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

Гаҳе мо нафсамонро банда гаштем,
Миёни мардумон шарманда гаштем,
Надонистем инъоми Худованд,
Ба шӯру шар ҳаме оганда гаштем.

Аз ин пиндори худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

Сухан мӯъҷизаи поки Худованд,
Вагар бошад дар онҳо заррае панд.
Вале мо худ суханро хор кардем,
Бигуфта ҳарфҳое носазо чанд.

Аз ин гуфтори худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

# ИМТИҲОНИ ҲАЁТ

Ҳар рӯзи ин ҳаёти мо ҳамчу имтиҳон,
Ҳар як савоби мо ҷавобест бар суол.

Оне, ки мекунад дар ин имтиҳон хато,
Қаддаш хамида шавад аз ор ҳамчу дол.

Дар ҷустуҷӯйи раҳнамо умре ба бод рафт,
Ку Хизри раҳнамо, бубахшад ба мо камол?

Аз дил ҳавою ҳавас рӯб метавонӣ гар,
Он заҳрпечак аст, диҳад  умрро завол.

Бинӣ, ки ростгӯйро аз ростӣ кушанд,
Хомӯш гар нишинӣ, бимонӣ ту дар вубол.

Тайёр шав ба имтиҳони ҳаёт ҷони хастаҳол,
Аз нестию аз адам дигар мадеҳ савол.

То метавонӣ, эй Асад, некӣ бикун ба сидқ,
Ин умр мефиребадат бо рӯзу моҳу сол.

# СОЛИ ЗАФАР МУБОРАК!

Соле гузашт аз мо соли дигар муборак,
Соли вафою аҳду соли зафар муборак!

Мо сарҳисоб кардем умри гузаштаи худ,
Умри азизи моро ин дам самар муборак!

Аз мулки орзуҳо бо сад умеди некӯ
Омад шаҳаншаҳи бахт, тоҷе ба сар муборак!

Хуршед рух намуду амвоҷи торикӣ рафт,
Бар хонаю дари мо файзи саҳар муборак!

Мо рӯзгори обод хоҳем ба ҷумла мардум,
Бар ин диёри озод нури назар муборак!

Аз шавқ шоирон ҳам пайғом мерасонанд,
Садҳо паёми дилкаш дар як асар муборак!

Ин дам Асад сарояд васфи Ватан намояд,
Ин шеъру ин тарона, ин хушхабар муборак!

# АТРИ ВАҲДАТ

Бисту як ин асри ваҳдат
Асри тиллоии миллат.
Асри шону асри шӯҳрат,
Асри растанҳо зи иллат.

Ҳамзамон бо асри бистум
Меравад ҷаҳлу ҷаҳолат.
Мерасад то бар мешомам
Бӯйи атрогини ваҳдат.

Рӯдакӣ, Синои дигар
Мешавад аз нав таваллуд.
Шарқ эҳё мешавад боз,
Бисту як – асри таҷаддуд.

Халқи олимаснади ман
Мешавад машҳури олам.
Одамӣ боқадр гардад,
Ҳамдигарро ёру ҳамдам.

Бисту як – асри садоқат,
Бисту як – асри рафоқат.
Мерасонад бар машомам,
Бӯи атрогини ВАҲДАТ.

# ГАНҶИ МАН АСТ

Ман нахоҳам симу зар дар ин ҷаҳони бекарон,
Мисраҳои шеъри ман ранҷи ману ганҷи ман аст.

Ман надорам молу мулки ин ҷаҳон, эй дӯстон,
Давлатам табъи худододу гуҳарсанҷи ман аст.

Ҳаққи мардум ман нахӯрдам, ё накардам зиштие,
Дар бисотам он чӣ дорам, маҳсули ранҷи ман аст.

Шоҳро дидам, ки назди оқиле таъзим кард,
Ин хаёли хом дар бозии шатранҷи ман аст.

Аз ҳамон дунҳимматон ҳаргиз надорам ман тамаъ,
Ин сари болои ман ҳам ганҷу ҳам ранҷи ман аст.

# ДУБАЙТИҲО

Ватан, эй саҷдагоҳам, меҳани ман,
Ватан ҳам бӯстону гулшани ман.
Набистонад касе осон ту аз ман,
Ту ҳастӣ ҷони ширин дар тани ман!

* * *

Касе, ки миллати худро фурӯшад,
Зи модар, аз Ватан ҳам рӯ бипӯшад.
Касе бошад ватанхоҳу ватандор,
Барои ҳурмати модар бикӯшад.

* * *

Ту нури хонадонӣ, эй зан, эй зан,
Ба ҷисми мо ту ҷонӣ, эй зан, эй зан!
Набудӣ, оламу одам намебуд,
Барои мо ҷаҳонӣ, эй зан, эй зан!

* * *

Ту шамъи нурбахши хонаи ман,
Сароғози ҳама афсонаи ман.
Набитвонам, ки васфатро бигӯям,
Аё, эй модари фарзонаи ман!

* * *

Аё устод, меҳмонам намудӣ,
Вале боз аз чӣ гирёнам намудӣ?
Ба дарсат чун навиштам номаи ишқ,
Чаро рондию ҳайронам намудӣ?!

* * *

Агар одил манам ҷоҳил чарой?
Агар оқил манам коҳил чарой?
Бародарро маёзор, эй бародар,
Ки гар Ҳобил манам, Қобил чарой?!

* * *

Салом, эй модари чашминтизорам,
Салом, эй зиннати боғу баҳорам.
Ба ҷуз меҳру дуои ту дар олам,
Дигар пушту паноҳе ман надорам.

* * *

Ту фарзанди замон шав, эй писарҷон,
Ҳунарвар, кордон шав, эй писарҷон.
Бифахрад то падар, модар зи бахтат,
Ба онон соябон шав, эй писарҷон!

* * *

Ҳақиқат чашмаи оби равон аст,
Ҳақиқат дар дили пиру ҷавон аст.
Ҳақиқат — тӯҳфаи фардои олам,
Ҳақиқат худ чароғи ҷовидон аст.

* * *

Ҷаҳон пас аз сари мо ҳам бимонад,
Накӯ он кас, ки занг аз дил равонад.
Бикун некӣ, агар аз дастат ояд,
На ҳар кас некӣ кардан метавонад.

* * *

Ҳама фарзанд одамзода бошад,
Агар одам бувад дилдода бошад.
Зи илму донишаш бошад сарафроз,
Ҳамеша оқилу озода бошад.

* * *

Шараф аз одамӣ монад ба миллат,
Парасторӣ намо касро ба хилват.
Биорой ту худ бо зебу зиннат,
Бимонад ҷони ночорат ба зиллат.

* * *

Адабро гар писандӣ пештар о,
Ба даргоҳи адаб ту бештар о.
Ҷунуни навҷавонӣ дур бинмо,
Чу пирони кухан рӯ бар сафар о.

* * *

Ҳунар болу пари ман бошад, эй дил,
Ҳунар тоҷи сари ман бошад, эй дил!
Тамоми умр хӯрдам ман аз он ризқ,
Ҳунар ганҷу зари ман бошад, эй дил.

* * *

Надорам ман саводу илми дунё,
Тамоми умр онро гашта ҷӯё.
Шунидам қиссаҳои модарамро,
Забони ман аз ин гардид гӯё.

* * *

Бувад кибру манӣ аъмоли бадкеш,
Аз ин феъли бадаш душман кунад беш.
Намоӣ хоксорӣ гардӣ дилшод,
Кунӣ бегонаҳоро бар худат хеш.

* * *

Зи модар рӯй метобӣ ту, фарзанд,
Набахшад ин гуноҳатро Худованд.
Ба ишрат ончунон ту пойбандӣ,
Намедонӣ ту қадри хешу пайванд.

* * *

Падар бошад ризо, розӣ Худованд,
Бигир, ҷони падар, бар гӯш ин панд.
Макун ҳаргиз фаромӯш гуфтаҳоям,
Расон онро ба авлоди пасоянд.

* * *

Навиштам таърихи чандин ривоят,
Зи аҷдодони худ кардам ҳикоят.
Маро мақсад набошад худнамоӣ,
Аз он ибрат бигиранд, ар кифоят.

* * *

Зи дину аз диёнат гуфтам афзун,
Зи беқадрӣ нагардам ҳеҷ маҳзун.
Ниҳодам дил ба ёру даст бар кор,
Шудам з—ин кори худ як умр мамнун.

* * *

Куҷо қадри сухан аблаҳ бидонад,
Ки дар умраш китоберо нахонад.
Чӣ донад, ки сухан эъҷози Ҳақ аст?
Ки инсонро зи офатҳо раҳонад.

* * *

Дили бечорагон ҳаргиз маранҷон,
Ту хизмат кун ҳаме бар қадри имкон.
Агар натвонӣ кардан некӣ бар кас,
Бадӣ ҳаргиз макун бар насли инсон.

* * *

Ба некие камар бастан савоб аст,
Зи иллатҳо бурун ҷастан савоб аст.
Агар хоҳӣ бимонӣ номи некӯ,
Зи чанголи бадӣ растан савоб аст.

* * *

Вафодорӣ нишони мардӣ бошад,
Вале худбинӣ аз бедардӣ бошад.
Набинад ҳуз бадӣ он кас, ки як умр,
Варо хоҳиш чу бар бадгардӣ бошад.

* * *

Хатое бар хатое раҳ кушояд,
Гуноҳе бар гуноҳи мо физояд.
Тавонӣ раҳ мадеҳ то бар хатое,
Ки он шармандаи дунё намояд.

* * *

Макун ҳаргиз дурӯғи дигарон рост,
Ки ин шаррест, ки аз мост бар мост.
Агар ту бо ҳақиқат ёр гардӣ,
Ҳамеша дасти ҳақ болост, болост.

* * *

Китоби зиндагӣ садранг бошад,
Варо ҳар саҳфа зери чанг бошад,
Агар ту оқилӣ бархонӣ пандаш,
Нахонӣ асли он гар, нанг бошад.

* * *

Умеди зиндагӣ бар ёди фардост,
Чу фардо мерасад, умед бар мост.
Агар умеди пасфардо намебуд,
Ҷаҳон дар ду ва ё се рӯз мекост.

* * *

Азизон, ҳамдилиро пеша созем,
Зи фардои ҷаҳон андеша созем.
Дарахте, ки дигарҳо мешинонанд
Чаро мо дастае бар теша  созем.

* * *

Гаҳе шоду гаҳе ношод ҳастем,
Гаҳе дар банду гаҳ озод ҳастем.
Бибояд зиндагӣ бо амри виҷдон,
Хасе варна ба дасти бод ҳастем.

* * *

Гурӯҳе муфтхӯру нотавонанд,
Сухан аз ҷой бар ҷойе кашонанд.
Накарда меҳрубоние ба мардум,
Намедонам пас аз мурдан чӣ монанд.

* * *

Баромад офтоби оламафрӯз,
Дар ин дунёстам таҷрибамӯз.
Бихоҳам аз Худо танҳо ҳаминро,
Ки ҳар як рӯзи ман бошад чу Наврӯз.

* * *

Расид Наврӯзу ман нав рӯз ҷӯям,
Кунун рози дилам бар кӣ бигӯям?!
Дар ин айёми гулбезу тарабрез,
Бубинам ман аҷалро рӯ ба рӯям.

* * *

Ҳазорон шукри Наврӯзу баҳорон,
Замин сарсабз шуд аз файзи борон.
Даруни ин дили сардирамида,
Бисабзад муғҷаи уммеди ёрон.

# МУНДАРИҶА

Ватан........................................................................3
Кишвари озодагон.........................................................4
Пайванд....................................................................5
Мартабаи Шерак...........................................................6
Ҷанги тан ба тан..........................................................8
Нидои Сӯҳроб...............................................................9
Ифтихор....................................................................10
Бодбараки хаёл.............................................................11
Биҳишти тифлӣ.............................................................12
Сипос........................................................................13
Устод........................................................................14
Модарам....................................................................15
Шукрона....................................................................16
Таърихи дурӯғин...........................................................17
Ҷашни шоир.................................................................18
Хандаи шайтон.............................................................18
Имтиҳони ҳаёт.............................................................19
Соли зафар муборак!.....................................................21
Атри ваҳдат.................................................................22
Ганҷи ман аст..............................................................23
Дубайтиҳо..................................................................24

Адабий–бадиий нашр

АСАДУЛЛОҲ

# МАКТАБ БАҲОРИ

(Мактаб ўқувчилари учун шеърлар)

Нашрга тайёрловчилар:
Матлуба НАРЗУЛЛОЕВА,
Ўзбекистон Халқ таълими Аълочиси,
Шўҳрат БОБОЖОНОВ.

Муҳаррир
Ж. Сафоев
Техник муҳаррир
Л. Асророва
Мусаҳҳиҳ
Д. Абдукаримова
Саҳифаловчи
У. Саидов

«TURON–IQBOL» нашриёти
.
Лицензия рақами AI № 223 16.11.2012 й
Теришга 2017 йил 20 майда берилди.
Босишга 2017 йил 25 июнда рухсат этилди.
Бичими: 60x84 1/16 «BalticaTAD» гарнитурасида
офсет босма усулида офсет қоғозида босилди.
2.0 шарт. б.т. 2.0 Ҳисоб нашр. таб.
Адади 2000 нусха. 81–сон буюртма.

"TURON–MATBAA" МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Олмазор тумани,
Талабалар кўчаси, 2–уй.